# Тақриз

**ба автореферати диссертатсияи Ализода Наврӯзалӣ дар мавзуи «Поэтикаи зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон», ки барои дарёфти дарачаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ пешниҳод шудааст.**

Таҳқиқу баррасии зарбулмасалҳо, ки аз ҷумлаи жанрҳои густардаву маъруфи эҷодиёти шифоҳии халқҳои гуногуни ҷаҳон ба шумор меравад, дар илми адабиётшиносӣ бесобиқа нест ва намунаҳои хуби осори таҳқиқотиеро метавон баршумурд, ки ба пажӯҳиши зарбулмасалҳои халқҳои мухталиф бахшида шудаанд. Бо вуҷуди ин масъалаи мазкур боз ҳам паҳлуҳои зиёде дорад, ки ба бозбинӣ ва назари амиқтари илмӣ ниёз доранд. Бо дарки ҳамин муҳиммияти масъала гуфтан мумкин аст, ки кори таҳқиқотии Ализода Наврӯзалӣ дар мавзуи «Поэтикаи зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон» аз иқдомоти хеле наҷибест, ки ба таҳлилу баррасии зарбулмасалҳои даризабонони кишвари ба мо ҳамсоя бахшида шудааст.

Тавре аз атореферати диссертатсия муайян мегардад, кори таҳқиқотии мавриди назар аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқ, се боби фарогири фаслу зерфаслҳои алоҳида, хулоса, феҳрасти адабиёти истифодашуда, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва номгӯи таълифоти илмии муаллиф иборат мебошад.

Дар се фасли боби якум, ки ба таърихи гирдоварӣ, нашр ва таҳқиқи зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон бахшида шудааст, муаллиф масоили муҳиммеро, амсоли таҳлилу баррасии истилоҳи “зарбулмасал”, муродифоти машҳури ин жанр дар миёни мардум, маъруфияти ин истилоҳ нисбат ба дигар истилоҳоти роиҷ дар забони мардум, таърихи гирдоварӣ ва пажӯҳишу интишори зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон ва таҳқиқи маҷмуаҳои дарбаргири ин

навъи манзуми шифоҳӣ, арзишдоварии корҳои таҳқиқотӣ дар ин самт мавриди таҳқиқи илмӣ қарор додааст.

Боби дувуми диссертатсия аз се фасл ва ҳафт зерфасл иборат буда, ба таҳлилу баррасии вижагиҳои жанрии зарбулмасал, бахусус таснифи мавзуии зарбулмасалҳо, бахшида шудааст. Диссертант моҳияти пандуандарзии зарбулмасалҳоро хеле хуб тавсиф намуда, ин жанрро вобаста ба масоили гуногуни ахлоқӣ гурӯҳбандӣ намудааст.

Дар боби савуми диссертатсия вижагиҳои сохторӣ, бадеият ва забону услуби зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд.

Муаллифи диссертатсия хулосаву бардоштҳои илмии худро аз масоили мавриди таҳқиқ мухтасар дар охири фаслу бобҳо ва муфассалтар дар қисми хулоса баён кардааст.

Гуфтан мумкин аст, диссертант доир ба зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон тадқиқоти хуби илмиеро ба анҷом расонидааст. Кори илмии мавриди назар аз нахустин корҳои нисбатан мукаммал оид ба зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон буда, барои таҳқиқоти минбаъда ба ҳайси роҳнамо хидмат карда метавонад.

Диссертатсияи Ализода Наврӯзалӣ арзиши хуби назарӣ ва амалӣ дошта, дар он муаллиф ба масъалаҳои назарӣ ва амалии илми фолклоршиносӣ, накш ва мақоми зарбулмасалҳо дар фолклори мардуми даризабони Афғонистон диққати хосса зоҳир намудааст.

Автореферати диссертатсия дар сатҳи хуби илмӣ таълиф ёфта, баррасии осори зиёди илмию адабӣ, баҳс ва иттилооти сарчашмаҳои гуногуни илмиро фарогир аст. Муаллиф моҳияти масъалаи ба ӯ вогузоршударо хуб дарк намуда, бо ёрии усулҳои роиҷи илмӣ ва методологияи мушаххас ба таҳқиқу баррасии он пардохта, дар ин ҷода муваффақ низ гардидааст.

Ба ҳамин тартиб, автореферати диссертатсия мазмун ва муҳтавои кори анҷомдодаи муаллифро ба пуррагӣ дар бар гирифта, тарзи нигориши он аз мустақилияти фикрӣ, ҷустуҷӯйҳои илмӣ ва кӯшиши навгӯйии муаллиф дарак медиҳад. Ҷанбаҳои илмӣ, методологӣ, мантиқӣ ва имлоию услубии автореферат бақувват буда, ба талабот ҷавобгӯ мебошанд.

Дар баробари комёбиву муваффақиятҳои хуби илмӣ дар автореферат баъзе камбудихои ҷузъӣ, аз қабили галатҳои имлоию техникӣ ва парокандагии фикрӣ дар матнҳо ҷой доранд. Вале норасоие, ки гуфтем, каму назарногир ва ислоҳпазир буда, моҳият ва арзиши илмии авторефератро кам карда наметавонад.

Диссертатсияи Ализода Наврузалӣ дар мавзуи «Поэтикаи зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ пешниҳод шудааст, рисолаи комилан анҷомёфта ба шумор рафта, ба тамоми талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯст ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илми филология мебошад.

**Доктори илмҳои филологӣ,**
**профессори кафедраи адабиёти тоҷики**
**ДДБ ба номи Носири Хусрав:** **Тағаймуродов Р.Ҳ.**
**"29" августи соли 2023**

**Суроға: шаҳри Бохтар, кӯчаи Дӯстии халқҳо, 56/22**
**Телефон: (+992) 904 10 55 22**

**Имзои Р.Ҳ. Тағаймуродовро тасдиқ менамоям.**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси**
**ДДБ ба номи Носири Хусрав:** **Шукурзод Ҷ.Ҳ.**
**"29" августи соли 2023**

**Суроға: 735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67,**
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**
**Тел: (832 22) 2-45-20; 2-22-53**
**E-mail: bsu78@mail.ru**